| **Мувофиқа шудааст:** | **Тасдиқ мекунам:** |
|---|---|
| **Вазири меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №8/764 аз 22 апрели соли 2014** | **Директор Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 17 аз 30 апрели соли 2014** |
| **_______________Тағоева С.** | **_______________Ҳасанова Г.** |

**ДАСТУРАМАЛ**
**ДАР БОРАИ БАҲИСОБГИРИИ ҲАРАКАТИ ҚУВВАҲОИ КОРӢ ВА ҶОЙҲОИ КОРӢ**

## I.Муқаррароти умумӣ

1. Бо мақсади ташкили баҳисобгирии миқдори ҷойҳои корӣ ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ, ки аз ҳисоби корфармоён дар соҳаҳои иқтисодиёт таъсис дода мешаванд, таъмин намудани машғулияти иловагии аҳолӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайриҳукуматӣ ва байналхалқӣ, аз нав тақсим намудани захираҳои меҳнатии дохилӣ (муҳоҷирати ихтиёрӣ), инчунин тартиби баҳисобгирии онҳо дастурамал таҳия гардидааст.

Дастурамали мазкур ҳангоми тартиб додани ҳисобот дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ барои вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳо сарфи назар аз шакли моликияташон барои роҳбарӣ пешбинӣ шудааст. Ба истиснои корхонаҳои хусусие, ки меҳнати кироякро истифода намебаранд. Ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ қисми тартибие мебошад, ки бозори меҳнатро тавсиф менамоянд, тағйиротҳои дар бозори меҳнат ба вуҷуд омадаро, ки ба вазъияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат алоқаманд мебошанд, инъикос менамояд.

2. Ҳисобот дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои кориро тамоми корхонаҳое, ки шахси ҳуқуқӣ (юридикӣ) мебошанд, бояд тартиб диҳанд ва пешниҳод намоянд. Ҳангоми омӯхтани ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ муҳим аст, ки таҳлили аз навтақсимкунӣ ва сохтори тағйирёбии ҷойҳои кориро аз рӯи ҳайати касбӣ ва намудҳои машғулият дошта бошад.

3. Манбаҳои асосии иттилоот дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ҳисоботи корхона ва ташкилотҳое мебошанд, ки онҳо аз рӯи шакли №1-меҳнат (семоҳа) «Ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ» пешниҳод менамоянд.

Ҳисоботи оморӣ дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ барои вақти давраи муқарраркардаи тақвимӣ ба таври ҷиддӣ тартиб дода мешавад: семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва барои як сол. Ҳисоботи семоҳа барои давраи аз рӯзи авали моҳи якуми семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа

ва як сола то рӯзи охирин барои давраи аз 1 январ то 31 декабр тартиб дода мешавад.

4. Ҳисобот дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ дар мухлат ва суроғаи пешниҳодшуда, ки дар шаклҳои тасдиқ карда шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Пешниҳоди ҳисоботи оморӣ дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ, тибқи мухлатҳои муқарраршуда бо дермонӣ ин вайрон кардани интизоми пешниҳоди ҳисоботсупорӣ мебошад

5. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи оморӣ дар бораи ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ бо пуррагӣ пур кардани ҳисобот ва мӯътамадии маълумотҳои ҳисобот талаботи асосӣ мебошад. Барои муътамадии маълумотҳо дар ҳисобот ва сари вақт пешниҳод намудани ҳисобот роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликияташон масъул ва ҷавобгӯ мебошанд.

*Андоза ва хусусияти ҷазои маъмурӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борбаи омори давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 №588 ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз 31 декабри соли 2008 №435 муайян карда мешаванд. Барои вайрон кардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣ ба мақомоти дахлдори оморӣ, ки он тибқи тартиби муқаррарнашудаи қонун дар пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои мушоҳидаҳои оморию давлатӣ ва пеш бурдани регистрҳои давлатии воҳидҳои оморӣ, мувофиқи моддаҳои 515, 516 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №455 шахсони ҳуқуқӣ ва воқей ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.*

Ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат дар корхонаҳо бояд дар асоси шаклҳои якхела коркардашуда, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия тартиб дода шавад. Шакли асосии ҳуҷҷати баҳисобгирии аввалия оид ба меҳнат инҳо мебошанд: фармон (супориш) дар бораи ба кор қабул кардан, ба дигар кор гузаронидан, қатъ намудани созишномаи (қарордоди) меҳнатӣ, корти шахсӣ, ҷадвали (табели) баҳисобгирии истифодаи вақти корӣ.

6. Қайдҳо дар чадвали баҳисобгирии истифодаи вақти корӣ дар бораи сабабҳои ба кор ҳозир нашудан, дар бораи рӯзи кори нопурра, дар бораи кори иловагӣ (сарборӣ) ва дигар дермондагиҳо аз шароити кори муътадил бояд танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки ба таври даркорӣ тартиб дода шудаанд (варақаҳои корношоямӣ, варақаҳо дар бораи бозистодагӣ, маълумотнома (справка) дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайраҳо) баҷо оварда шаванд.

**II. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар ҳамин дастурамал мафҳумҳои зерин истифода карда мешаванд:

<u>Ҷои кор</u> – ин минтақаҳои амали меҳнат мебошад, ки дар асоси меъёрҳои меҳнатӣ ва дигар меъёрҳои амалкунанда муайян карда шудааст бо воситаҳо зарурӣ муҷаҳаз шуда, барои фаъолияти меҳнатии як ё

якчанд иҷрокунанда пешбинӣ шудааст, вай сатҳи даромад (музди меҳнат) на пастар аз музди ҳади аққали корҳо ҳангоми риоя намудани меъёри муқаррарнамудаи қонунгузорӣ давомнокии вақти корро таъмин менамояд.

Агар корхона якчанд тим (смена) кор кунанд ва ҷойи кор дар ҳар тим (смена) бо кор машғул бошад, дар он сурат ингуна ҷойи кор ҳамчунин як ҷои кор ба назар гирифта мешавад. Дар ҳолати ниҳой сухан дар бораи он меравад, ки ҷои кори дастаҷамъӣ (колективӣ) аз микдори муайяни ҷойҳои кории инфиродӣ иборат аст.

Ҷои кор дар омори меҳнат ҳамчун маҷмӯи шароити истеҳсолию – техникӣ, ки машғулияти кормандонро таъмин мекунанд, муайян карда мешавад. Ба сифати объекти баҳисобгирии шумораи аслии кормандон ва ҷойҳои холиӣ корӣ баррасӣ карда мешавад. Шумораи умумии ҷойҳои корӣ аз рӯи методологияи Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат (ТБМ), ин маҷмӯи шумораи аслии кормандони машғул ва ҷойҳои холии корӣ дар давраи ҳисобот мебошад.

Ҳаракати қувваҳои корӣ бо ёрии нишондиҳандаҳое, ки чӣ бузургии мтлақ ва чи нисбиро (коэффитсиентро) дар бар мегиранд, омухта мешаванд. Нишондиҳандаҳои ҳаҷман бузург шумораи шахсонеро, ки категорияи қувваҳои кори дохилшаванда ва хориҷшавандаро, ки дар корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ба кор қабул карда ва аз кор озод карда мешаванд, намудҳои фаъолият, минтақаҳо ва ғайраҳо тавсиф менамоянд, нишондиҳандаҳои нисбӣ сохтор ва динамикаи ҳаракати категорияҳои гуногуни кормандон, шиддатнокиро оид ба қабул ва аз кор озод кардан, аз корравии кормандон, кадрҳо тағйирнопазир – доимиро тавсиф менамоянд.

2. Ҷои нави корӣ – ин ҷои нави кор мебошад, ки дар корхона ё аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ ва ғайраҳо, аз ҳисоби афзоиши сармоягузории асосӣ барои таъмини рушди истеҳсолоти асосӣ ва ё дигар фаъолияти хоҷагидорӣ таъсис дода мешавад, ба принсипи мақсаднокии иқтисодӣ ва дар давоми соли тақвимӣ (ҳисобот) фаъолияткунанда ҷавобгӯ мебошад.

3. Ҷои кори доимӣ ин ҷои коре мебошад, ки дар онҷо корманд қисми бештари (бештар аз 50 фоиз) вақти кори худро мегузаронанд.

4. Ҷои кори ғайридоимӣ - ҷои кори ғайри доимӣ ҷои коре мебошад, ки дар онҷо корманд қисми камтарини (камтар аз 50 фоиз) вақти кории худро мегузаронанд.

5. Ҷои кори муваққатӣ - ин ҷои кор барои мухлати маҳдуд таъсис дода мешавад, бештар барои даврае таъсис дода мешавад, ки якчанд моҳро (барои идоракунӣ ва назорат барои ба кор дохил шудан, ки хусусияти шакли даврӣ дорад, барои корҳои таъмир ва ғайраҳо заруранд) дар бар мегирад.

6. Ҷои кори мавсимӣ – ин ҷои коре мебошад, ки барои корхои дар давраи муайян иҷронашпвандаи вақти сол, мавсим, ба муносибати ба шароитҳои табиӣ ва иқлимӣ вобаста таъсис дода мешавад.

7. Ҷои кори холӣ–ҷои холи кор мебошад, ки дар инҷои холӣ корманди навро ба кор қабул кардан мумкин аст.

8. Ҷои кори ишғолшуда–ҷои коре мебошад, ки дар он ҷо дар асоси санадҳои меъёрии меҳнатӣ ва дигар санадҳои амалкунанда корманд қабул карда шудааст (ё якчанд корманд, агар корхона дар якчанд тим (смена) кор куна два ҷои кор бок ор ва ҳар тим (смена) машғул бошад).

9. Ҷои кори иловагӣ–ин ҷои коре мебошад, ки таъсис дода мешавад:

- аз ҳисоби маблағи худи корфармо;
- аз ҳисоби имтиёзи андоз, ки ба корфармо дода шудааст;
- аз ҳисоби маблағи ФСЗН ва ғайра барои ба таври илова бо кор таъмин шудани шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманду дар ҷустуҷӯи ҷои кор ба мушкилот рӯ ба рӯ мебошанд ва дар шароитҳои баробари рақобат дар бозори меҳнат қобилият надоранд (маъюбон, ҷавонони синни 15 то 29 сола занҳое, ки ба тарбияи кӯдакони хурдсол машғуланду яккаву танҳо ва сарфарзанд мебошанд, занҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ озодшуда, муҳоҷирон, гурезаҳо ва шахсоне, ки аз ҳабс озод шудаанд).

10. Ҷои кори барҳам додашуда - ин ҷои коре мебошад, ки дар натиҷаи ғайридавлаткунонӣ хусуси гардонӣ, ихтисори истеҳсолот, муфлисшавӣ ҷои кор аз байн бурдашуда фаъолият намекунад.

11. Барқарор намудани ҷои кор – ин ҷои коре мебошад, ки дар натиҷаи ғайри давлатикунонӣ ва хусусигардонӣ, ба кор даровардани майдонҳои кӯҳнаи истеҳсолӣ, аз нав таҷҳизонидани техники ва ғайраҳо бо мақсади таҷдид намудани исттеҳсолот, афзун гардонидани ҳаҷми истеҳсолот ва ғайраҳо аз нав фаъолият мекунанд.

12. Амалан таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва иловагӣ бо роҳҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

а) ба қайд гирифтани субъектҳои хоҷагидорӣ:

- соҳибкори инфиродӣ, ки аз нав ба қайд гирифта шудааст, аз лаҳзаи қайд шуданаш 1 ҷои нави корӣ таъсис медиҳад;
- корхонаи аз нав ба қайд гирифташуда аз лаҳзаи қайд шуданаш ду ҷои нави корӣ (роҳбар ва муҳосиб) таъсис медиҳанд:

13. Иттилоот дар бораи миқдори ҷойҳои наву иловагии корӣ, ки субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар шакли моликияташон таъсис додаанд, аз тарафи мақомоти омор мутобиқан ҷамъбаст ва умумӣ карда мешавад:

- аз рӯи шакли моликият;
- аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ.

Ҳаракати кормандони ҳайати рӯйхат аз рӯи тағйирёбии шумораи кормандони рӯйхат дар натиҷаи ба кор қабул ва аз кор озод кардан бо сабабҳои гуногун тавсиф карда мешавад. Ҳаракати кормандон дар давраи ҳисобот дар намуди тароҷ (баланс) пешниҳод шуда метавонад: шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон дар авали давра бо ҷамъи кормандони дар давраи ҳисобот ба кор қабул кардашуда, тарҳи шумораи кормандони дар давраи ҳисобот аз кор озодшуда ба шумораи кормандони дар охири давраи ҳисобот баробар мешавад.

14. Ба шумораи ба кор қабул кардашудаҳо шахсоне ҳамроҳ карда мешаванд, ки дар давраи ҳисобот ба ташкилоти мазкур бо фармон (супориш) дар бораи қабул ба кор қабул карда шудаанд.

15. Ба шуморраи аз кор рафтаҳо ҳамон кормандоне, ки дар ташкилоти мазкур новобаста дар асоси (қатъ шудани қарордоди меҳнатӣ бо ташаббуси корманд, ташаббуси маъмурият мондаанд; созишномаи тарафайн, ба ба сафи хизмати ҳарбӣ даъват шудан ё ба хизмати ҳарбӣ дохил шудан; табдил кардани корманд бо хоҳиши худаш ба дигар ташкилот ё гузаштан ба вазифаи интихобшуда ва ғайра), аз кор рафтан ё табдил намудани корманд, ки бо фармон (супориш) ҳуҷҷатӣ карда шудааст, инчунин ба сабаби фавт аз кор фориғ шудааст, дохил карда мешаванд.

16. Ба шумораи кормандони аз коррафта бо хоҳиши худашон кормандоне дохил карда мешаванд, к ибо ташаббуси худи корманд, инчунин бо сабабҳои зерин аз кор рафтаанд:

ба вазифа (мансаб) интихоб шудан, аз тариқи озмун вазифа (мансаб) ишғол намудан;

ба ҷои дигар кӯчида рафтан; табдил намудани ҳамсар ба дигар ҷой, ба хориҷа;

бемор будан ё маъюббудан, ки давом додани кор монеъ мешавад, ё сукунат дар ҷои мазкур;

дохил шудан ба муассисаи таълимӣ, ба аспирантура ё ба орденатураи клиникӣ (табобатӣ- тиббӣ);

аз кор озод шудан бо хоҳиши худ ба сабаби ба нафақа баромадан ё аз рӯи пиронсолӣ гирифтани нафақа;

аз рӯи зарурат барои аъзоёни бемори оила ё маъюбони гуруҳи 1 ;

бо созиши тарафайн;

аз кор рафтани занони ҳомила бо хоҳиши худашон, заноне, ки кӯдакони синни то 14 – сола доранд, модарони яккаву танҳо, ки дар онҳо кӯдакони синни то 14 сола ё кӯдаки маъюби (маиби) то 16 сола мавҷудаст.

Ба шумораи ҳайати кормандони дар рӯйхатбудаи ба кор қабул кардашуда ва аз коррафта дохил карда намешаванд:

кормандоне, ки аз рӯи қарордоди махсус ба ташкилотҳои давлатӣ (хизматчиёни харбӣ ва шахсоне, ки дар намуди маҳрум аз озодӣ ба ҳабс гирифтор шудаанд) ба кор ҷалб карда шудаанд.

дуҷоякорони беруна.

кормандоне, ки корро аз рӯи қарордоди хусияти шаҳрвандию ҳуқидошта иҷро менамоянд.

Шумораи ҷойҳои корӣ амалан шумораи кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда ва шумораи ҷойҳои холи корро ифода менамоянд.

Шумораи ҷойҳои холи (озоди) корӣ бо миқдори кормандоне, ки ташкилотҳо тақозо мекунанд, дар шароити таъмини онҳо бо машғулияти пурра ифода меёбад.

Шумораи ҷойҳои иловагии кор ҷорӣ кардашуда, шумораи кормандонеро ифода менамоянд, ки ба кор қабул карда шудаанд.

17. Вазифаҳои ҷойҳои холӣ–ин миқдори ҷойҳои холии корро дар ташкилотҳо (дар корфармоён) ифода менамоянд. Шумораи ҷойҳои холи (озоди) корӣ, миқдори кормандон, дар шароити таъмини онҳо бо машғулияти пурра ифода карда мешавад.

18. Шумораи кормандони ба кор қабул кардашуда ба ҷойҳои нави кори таъсисдодашуда – шумораи кормандоне, ки ба кор қабул карда шудаанд ё метавонанд ба ҷойҳои нави кори дар давраи ҳисобот таъсис додашуда ба кор қабул шаванд (дар натиҷаи таъсис додан, васеъ кардан, таҷдиди истеҳсолот, зиёд намудани бастҳои корӣ ва ғайраҳо)–ро инъикос намоянд.

19. Кормандоне, ки бо қарордод корро дар хона иҷро менамоянд (хонакорон) - инҳо кормандоне мебошанд, ки бо корхонаҳо дар бораи иҷрои кор дар хона бо меҳнати худ (хонакор) қарордод мебанданд. Шахсоне мебошанд, ки бо номи «хонакор» корро иҷро менамоянд:

**i)** дар ҷои истиқомат ё дар дигар бино аз рӯи интихобашон, вале берун аз биноҳои истеҳсолии корфармо;

**ii)** барои подош;

**iii)** бо мақсади истеҳсоли молҳо ё хизматрасонӣ, мувофиқи нишондоди корфармо, новобаста аз он ки кӣ дастгоҳро пешниҳод менамояд, мавод ё дигар захираҳои истифодашавандаро таъмин менамояд.

20. Шумораи кормандоне, ки бо ташаббуси маъмурият дар дар рухсатӣ қарор доранд - инҳо кормандоне мебошанд, ки бо иҷозати маъмурият бе ҳифзи музди кор аз рӯи вазъияти оилавӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок дар рухсатии кӯтоҳмуддат қарор доранд, инчунин бе ҳифзи музди кор ё бо ҳифзи қисми музди кор, бо ташаббуси маъмурият аз сабаби боз истодани истеҳсолот ва бо дигар сабабҳо дар рухсати қарор доранд.